Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Буриев Акмал Раҷабалиевич дар мавзӯи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки истифодаи оқилона ва мақсадноки сарватҳои зеризаминӣ барои рушд ва таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаи мазкур дуруст қайд намудаанд, ки «дар шароити имрӯза азхудкунии самараноку оқилонаи захираҳои қаъри замини Тоҷикистон, маблағгузорӣ барои истихроҷ ва коркарди маъдан, инчунин корҳои ҷустуҷӯиву геологӣ ва иктишофи конҳои нав тавассути ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳимми рушди соҳаи саноат ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, хусусан ташкили ҷойҳои нави корӣ маҳсуб меёбад». Бинобар ин, татбиқи механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабл аз ҳама ба бештар ҷалб намудани сармояи хориҷӣ равона карда шудааст, ки дар ниҳоят ҳамчун омили муҳим дар таъмини суботи иқтисоди миллӣ хизмат мекунад.

Вазъи кунунии иқтисодии Тоҷикистон моро дар бораи зарурати

беҳбуд бахшидани сиёсати давлат дар ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ ва мусоидат ба баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ водор менамояд. Аз ин рӯ, бо мақсади ташаккули нақшаҳои гуногуни ҳамкории давлатию хусусӣ, аз ҷумла тавассути бастани шартномаҳои консессионӣ ва ё созишнома оид ба тақсими маҳсулот ва дигар шаклҳои ҳуқуқии ҳамкорӣ дар самтҳои дарёфт, иктишоф, истихроҷ ва коркарди ашёи хоми минералӣ, инчунин истифодаи захираи канданиҳои фоиданок ва ғайра дар Ҷумҳурӣ заминаи дахлдори ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст. Дар баробари ин, муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ босуръат инкишоф ёфта, ба дигаргунии фаъол (дигаргуниҳо) рӯ ба рӯ мешавад, ки мутаносибан вокуниши саривақтӣ ва ҳуқуқии кофиро талаб мекунад.

Муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, ба монанди конститутсионӣ, маъмурӣ, экологӣ, замин, молиявӣ, гражданӣ ба танзим даровarда мешаванд. Вале бояд ба инобат гирифт, ки маҳз танзими шартномавии масъала боиси истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, ҷалби сармоя ва амалишавии дигар ҳадафҳои гузошташуда гардида метавонад. Бинобар ин, таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ дар доираи ҳуқуқи гражданӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим дошта метавонад. Дар ин миён таҳқиқи мушкилоти алоҳида вобаста ба шартномаҳои дар самти истифодаи сарватҳои табиӣ басташаванда ва дар табиати ҳуқуқии онҳо ҷой дошта зарур мебошад.

Дар асоси мушкилоти қайдшуда муаллиф таъкид менамояд, ки Кодекси гражданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои алоҳида, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсимоти маҳсулот» вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ бо мақсади муомилоти озоди ин объекти барои иқтисодиёт муҳим такмил дода шаванд. Ин пешниҳод боиси дастгирӣ мебошад.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Буриев А.Р. мубрам ва саривақтӣ мебошад. Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст.

Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Аз мазмуну мухтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нестанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳамияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст фаррох истифода бурда шаванд. Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти рисолаи илмии муаллиф дар заминаи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ гузаронида шуда, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа бахри танзими ҳуқуқии истифодаи сарватҳои зеризаминӣ пешбинӣ гардидаст.

Аз мазмуну мухтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд. Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки диссертатсияи Буриев Акмал Раҷабалиевич дар мавзӯи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ дорад. Мазмун ва мухтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи

он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи граждании факултети
ҳуқуқшиносии МБТО «Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон» Сидиқов Д.А.

Имзои «Сидиқов Д.А.» - ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои МБТО
«Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» Раҳимов А.А.

Суроға: 734000, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30. МБТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон». Тел.: (+992 37) 221 35 50; Факс: (+992 37) 221 3530; E-mail: p.rektora@mail.ru